ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 37.033:373+574(575.3)
ТКБ: 74.200:74.2+28.081
Р - 48

РУСТАМЗОДА КОМИЛҶОН АБДУШУКУР

ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГӢ ВА МУНОСИБАТИ АХЛОҚӢ БА ҲИФЗИ ТАБИАТ ДАР ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

АВТОРЕФЕРАТ
барои дарѐфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Мансурова Ҷамила Сулаймоновна** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқарризони расмӣ: **Холназаров Санг** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Собирӣ Назира Солизода - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Ҳимояи диссертатсия санаи «25» декабри соли 2026, соати 15:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 2276246; 55 999 31 20) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (https://shurodis-prmatt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «24» ноябри соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент **Котибова Ш.П.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Имрӯз масъалаи тарбияи фарҳанги экологии хонандагони хурдсол ва ба вуҷуд овардани муносибати ахлоқии онҳо нисбат ба ҳифзи муҳити табиӣ хусусияти таъхирнопазир касб кардааст. Буҳронҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ нишон медиҳанд, ки пешрафти ҷомеа танҳо ба рушди иқтисод ва технология вобаста набуда, бо сатҳи фарҳанг, ахлоқ ва маърифати инсон иртиботи зич дорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки кӯшишҳои ҳалли мушкилоти экологӣ танҳо бо воситаҳои иқтисодӣ ва техникӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд ва тағйири ҷаҳонбинӣ ва муносибати ахлоқии инсонро нисбат ба табиат тақозо мекунанд.

Дар чунин шароит нақши маориф ҳамчун воситаи асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги шаҳрвандон меафзояд. Муҳаққиқи ватанӣ Р.М. Кузиева дар ин бора хотиррасон менамояд, ки «пеши роҳи бӯҳрони экологии глобалиро ҳеҷ гуна чорабиние: на иқтисодӣ на фарҳангӣ на ҳарбӣ гирифта наметавонад, магар ки баланд бардоштани маърифату фарҳанги экологию ҳифзитабиатии аҳолӣ. Ва ин амалро аз синни хурди кӯдакӣ, аз замони то ба мактаб омадани кӯдак сар кардан зарур аст» [71, с. 35]. Ба ақидаи Ш.И. Ҷумъаева, рафтори бепарвоѐнаи одамон нисбат ба муҳити табиӣ «аз сатҳи пасти фарҳанги экологӣ ва саводнокии экологии аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Чунин муносибат ба табиат метавонад барои инсоният ва тамоми мавҷудоти зиндаи рӯйи Замин ба оқибатҳои ҷиддии манфӣ оварда расонад» [46, с. 5]. Муҳаққиқ бар он аст, ки бӯҳронҳои муҳити зист дар миқѐси сайѐра ва дар худи Тоҷикистон «зарурати фавқулоддаи эҷод ва рушди тафаккури муосири экологӣ ва саводнокии экологиро тавассути таълими бефосилаи экологӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон – аз хурд то калон – ба миѐн меоранд» [46, с. 22].

Аҳамияти мавзуъро самтҳои асосии сиѐсати давлатии кишвар низ собит месозанд. Дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дар бораи маориф» [1], «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» [2] ва «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» [3], инчунин дар Консепсияи миллии тарбия [6] ва Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030 [7] ташаккули ҷаҳонбинии экологӣ ва баланд бардоштани маърифати муҳити зистро ҳамчун вазифаи стратегии рушди устувори кишвар муайян намудаанд. Қонунгузор яке аз вазифаҳои ин самтро «таъмини кафолати ҳуқуқӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, ташкилӣ, психологӣ ва дигар кафолатҳо барои ташаккул ва инкишофи таълим, тарбия ва фарҳанги экологии аҳолӣ» [2, моддаи 3] медонад. Ба ҳамин монанд, номгузории давраи 2020–2040 ба сифати «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риѐзӣ дар соҳаи илму маориф» [8] низ ба тақвияти мавқеи донишҳои табиатшиносӣ ва экологӣ дар низоми таҳсилот мусоидат менамояд.

Масъалаҳои ҳалношуда. Синни хурди мактабӣ давраи ҳассоси ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва экологии шахсият мебошад, аммо иқтидори тарбиявии фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии кӯдакон, ки корҳои берун аз дарс ва берун аз мактаб, маҳфилҳо, сайру гаштҳо, аксияҳо ва чорабиниҳои якҷоя бо падару модарон ва созмонҳои маҳаллиро фаро мегирад, дар мактабҳо то ҳол хеле маҳдуд ба кор бурда мешавад. Ба ин ҷиҳат З.Н. Тӯраев низ диққат дода, менависад, ки «дар амалияи таълимӣ имкониятҳои шаклҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ пурра истифода намешаванд. Ин ҳолат боис мегардад, ки робитаи байни донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ суст бошад ва таъсири тарбиявии таълим коҳиш ѐбад» [124, с. 5]. Таҳлили вазъи мавҷуда дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе, ноҳияи Шаҳринав ва ноҳияи Восеъ ихтилофоти зеринро ошкор намуд:

– байни талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат аз синни хурди мактабӣ ва сатҳи нокифояи таъмини илмӣ-методии ин раванд дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ;

– байни имкониятҳои васеи тарбиявии фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ, муҳити табиию иҷтимоии маҳал ва мероси фарҳангии халқи тоҷик ва истифодаи пароканда ва ғайринизомноки онҳо дар амалияи мактаб;

– байни зарурати ҳамкории мақсадноки мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ дар тарбияи экологӣ ва набудани маҷмуи илман асосноки шароитҳои педагогӣ, ки чунин ҳамкориро таъмин намояд.

Зарурати рушди назария ва такмили методологияи мавҷуда. Дар назарияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва педагогикаи иҷтимоӣ мафҳумҳои «фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ» ва «муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат» ба таври мушаххас коркард нашудаанд ва методологияи арзѐбии онҳо, ки ба имкониятҳои кӯдакони 7–10-сола мутобиқ бошад, такмилро талаб мекунад.

Холигиҳои назариявӣ, баҳсҳо ва ҳамгироии илмии мавҷуда. Дар бораи сохтори фарҳанги экологӣ мавқеи ягона вуҷуд надорад: муҳаққиқон аз се то ҳафт ҷузъи онро ҷудо мекунанд. Байни равишҳои антропосентрӣ ва экосентрӣ ба тарбияи экологӣ баҳс идома дошта, ҷойгоҳи муносибати ахлоқӣ дар сохтори фарҳанги экологӣ ба таври кофӣ муайян нагардидааст. Ҳамгироии донишҳои педагогика, психологияи синнусолӣ, экология ва назарияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ дар ин масъала ҳанӯз ба консепсияи ягона нарасидааст.

Зарурати таҳқиқоти нав ва роҳҳои ҳалли масъала. Зарурати бартараф намудани ихтилофоти зикршуда **масъалаи таҳқиқотро** муайян намуд: кадом шароитҳои педагогӣ ташаккули самараноки фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиатро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии онҳо таъмин менамоянд? Роҳи ҳалли масъаларо мо дар асоснок намудан ва санҷиши таҷрибавии маҷмуи шароитҳои педагогӣ

мебинем, ки дар доираи амсилаи ягона ва бо сохтори сеҷузъаи фарҳанги экологӣ ҳамоҳанг татбиқ мегарданд. Ҳамин тариқ, кори мазкур дар қатори пажӯҳишҳои педагогикаи иҷтимоӣ ҳамчун таҳқиқоте ҷой мегирад, ки тарбияи экологиро дар заминаи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагони хурдсол баррасӣ менамояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Барои муайян намудани сатҳи омӯзиши масъала корҳои бунѐдии илмӣ, таҳқиқоти муосир, диссертатсияҳои ҳимояшуда ва мақолаҳои илмӣ таҳлил карда шуданд.

Корҳои бунѐдии илмӣ. Таълимоти В.И. Вернадский дар бораи биосфера ва ноосфера [36], ғояи «императиви экологии» Н.Н. Моисеев [91], консепсияҳои Н.Ф. Реймерс [108] ва А.Д. Урсул [127] оид ба рушди устувор заминаи фалсафии дарки табиатро ҳамчун арзиш ва масъулияти инсонро дар назди он ташкил медиҳанд; файласуфони тоҷик тамоюлҳои ҳамгироии илмҳоро ҳамчун шарти фаҳмиши яклухти олам асоснок кардаанд [22]. Дар осори И.Д. Зверев [54], И.Т. Суравегина [116], А.Н. Захлебный [52], С.Н. Глазачев [40], Б.Т. Лихачев [81], Л.П. Печко [101], В.А. Игнатова [62] ва И.Н. Пономарева [104] мақсад, мазмун, принсипҳо ва сохтори фарҳанги экологӣ коркард шудаанд. С.Д. Дерябо ва В.А. Ясвин муносибати субъективии шахсро ба табиат ҳамчун объекти махсуси таҳқиқ ҷудо намуда, усулҳои ташхиси онро пешниҳод кардаанд [45; 141]. Асосҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва педагогикаи иҷтимоӣ дар корҳои А.В. Мудрик [92], Т.Г. Киселева ва Ю.Д. Красильников [68], А.Д. Жарков [50], назарияи фаъолият ва шахсият дар осори А.Н. Леонтев, А.Г. Асмолов ва А.В. Петровский [79; 23; 100], ғояҳои тарбияи шахсиятгаро ва арзишӣ дар асарҳои Е.В. Бондаревская, Ш.А. Амонашвили ва Д.С. Лихачѐв [33; 19; 83], масъалаҳои ҳамгироии мазмуни таҳсилот дар корҳои М.Н. Берулава ва В.А. Игнатова [27; 58] асоснок гардидаанд. Таърихи андешаҳои педагогии халқи тоҷик дар осори Х. Афзалов ва Б. Раҳимов [24] инъикос ѐфтааст. Ин корҳо заминаи назариявии масъаларо ташкил медиҳанд, вале ба механизмҳои педагогии ташаккули муносибати ахлоқӣ ба табиат дар синни кӯдакӣ бевосита дахл намекунанд.

Таҳқиқоти муосир. Дар корҳои Л.В. Симонова [114], Л.М. Хафизова [134], Т.В. Кучер [74], О.С. Богданова [30] ва А.И. Холомкина [137] тарбияи экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва шаклҳои корҳои беруназсинфӣ баррасӣ шудаанд. Аз муҳаққиқони ватанӣ И.А. Абдусаломов муносибати ахлоқии хонандагонро ба муҳити зист [14], М. Дарвозиев асосҳои илми экологияро [43], Б. Маҷидова роҳҳои баланд бардоштани маданияти педагогии падару модарро [87], А. Нуров методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоиро [95] таҳқиқ намудаанд.

Диссертатсияҳои ҳимояшуда. А. Халимов масъалаҳои таълиму тарбияи экологии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар шароити Тоҷикистон таҳқиқ

намудааст [132]. Ш.Р. Каримова моҳияти инсондӯстонаи фаъолияти беруназсинфии экологӣ-ҳифзитабиатӣ ва нақши онро дар ташаккули эътиқодҳои ахлоқии хонандагони хурдсол ошкор сохтааст [67]. Р.М. Кузиева асосҳои ташкилӣ-педагогии фаъолияти экологӣ ва ҳифзитабиатии талабагони синфҳои ибтидоиро дар низоми чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ асоснок кардааст [71]. З.Н. Тӯраев асосҳои методии ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар раванди таълими табиатшиносӣ ва фаъолиятҳои экологӣ-кишваршиносӣ коркард намудааст [124]. Ташаккули донишҳои экологии кӯдакони синни томактабӣ дар диссертатсияи З.Ш. Курбанова [72], мафҳумҳои экологии хонандагони синфҳои 5–6 дар таҳқиқоти Н.О. Холбеков [135], омодагии касбӣ-экологии омӯзгорони оянда дар кори С. Холназаров [136] ва фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши экология дар диссертатсияи Ш.И. Ҷумъаева [46] баррасӣ гардидаанд.

Мақолаҳои илмӣ. Дар мақолаҳои хориҷӣ Л. Чаула нишон додааст, ки таҷрибаи мустақими кӯдакӣ дар муҳити табиӣ ва намунаи калонсолон омилҳои асосии ташаккули ғамхорӣ нисбат ба табиат мебошанд [142]; Э. Калс ва ҳаммуаллифон наздикии эҳсосиро ба табиат ҳамчун асоси ангезавии рафтори ҳифзи табиат асоснок намудаанд [144]; Ҷ. Ченг ва М. Монро воситаҳои ченкунии муносибати аффективии кӯдаконро ба табиат таҳия кардаанд [143]. Р. Лув ва Д. Собел хатари аз табиат дур мондани кӯдаконро таъкид намуда, тарбияи ҳамдардӣ ва муҳаббатро ба табиат пеш аз ташвиқ ба мушкилоти глобалӣ тавсия медиҳанд [146; 147].

Таҳлили анҷомдода имкон медиҳад, ки сатҳи омӯзиши масъала муайян карда шавад. *Паҳлуҳои омӯхташуда:* моҳият ва мазмуни фарҳанги экологии шахсият, мақсад ва принсипҳои маорифи экологии бефосила, шаклҳои асосии корҳои беруназсинфии экологӣ ва асосҳои ташкилӣ-методии онҳо дар синфҳои ибтидоӣ. *Масъалаҳои баҳснок:* сохтори фарҳанги экологӣ ва шумораи ҷузъҳои он, нисбати ҷанбаҳои маърифатӣ ва арзишӣ дар тарбияи экологии кӯдакони хурдсол, ҷойгоҳи муносибати ахлоқӣ дар сохтори фарҳанги экологӣ. *Ҷанбаҳои омӯхтанашуда ва масъалаҳои ҳалталаб:* маҷмуи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳз дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии онҳо, бо такя ба мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик ва ҳамкории мактаб, оила ва ниҳодҳои маҳал, то ҳол ба таври яклухт таҳқиқ нашудааст; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули чунин муносибат, ки ба имкониятҳои кӯдакони 7–10-сола мутобиқ бошанд, коркард нагардидаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва è мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқот ба стратегияҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва ҳифзи муҳити зист мутобиқ буда, ба татбиқи Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [1], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» [2], Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон [5], Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [6], Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [7] ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1445 [8] равона гардидааст. Диссертатсия дар доираи мавзуи илмии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии он барои солҳои 2020–2025 иҷро гардида, бо рақами қайди давлатии №8214 дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар таҳқиқоти мазкур масъалаи ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳифзи табиат мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба муайян намудани шароитҳои педагогии ташаккули ин сифатҳо тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҳамчун шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон равона гардидааст.

Мақсади таҳқиқот – асосноккунии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавии самаранокии шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот:

1) муайян намудани моҳият, сохтор ва мазмуни фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва пешниҳоди таърифи муаллифии мафҳумҳои асосии таҳқиқот;

2) таҳлили таърихӣ-педагогии ғояҳои ахлоқии муносибати инсон ба табиат дар мероси фарҳангии халқи тоҷик ва дар низоми маориф ва ошкор намудани имкониятҳои тарбиявии онҳо барои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон;

3) ошкор намудани хусусиятҳои синнусолии хонандагони хурдсол ва омилҳои педагогӣ-психологие, ки ба ташаккули муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат таъсир мерасонанд;

4) таҳия ва асоснок намудани амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат бо муайян кардани меъѐрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули онҳо;

5) муайян ва асоснок кардани маҷмуи шароитҳои педагогӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабии хонандагони

синфҳои ибтидоӣ, таҳияи мазмун ва шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологии онҳо;

6) ташкил ва гузаронидани озмоиши педагогӣ барои санҷиши самаранокии маҷмуи шароитҳои педагогии пешниҳодшуда ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ.

Объекти таҳқиқот – раванди ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҳамчун шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Мавзуи (предмет) таҳқиқот – шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ.

Фарзияи таҳқиқот. Таҳлили масъала нишон дод, ки имкониятҳои тарбиявии фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон дар ташаккули муносибати ахлоқӣ ба табиат ғайринизомнок истифода мешаванд; омӯзиши назарияҳои мавҷуда (назарияи фарҳанги экологӣ, назарияи муносибати субъективӣ ба табиат, назарияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ) ва ҷамъбасти таҷрибаи амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имкон доданд, ки тахмини илмии зерин пешниҳод карда шавад: ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ самаранок мегардад, агар дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии (беруназсинфӣ ва беруназмактабии) онҳо маҷмуи шароитҳои педагогии зерин таъмин карда шавад:

1) муҳити экологии таълимию тарбиявӣ дар муассиса ташкил гардида, бо муҳити табиию иҷтимоии маҳал ҳамгиро карда шавад;

2) мазмуни фанҳои синфҳои ибтидоӣ бо мазмуни фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабии экологӣ дар асоси мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик ҳамгиро гардад;

3) хонандагон ба таври мунтазам ба фаъолияти амалӣ, лоиҳавӣ ва ҷамъиятии ҳифзи табиат ҷалб карда шаванд;

4) ангезаи дохилӣ ва мавқеи шахсии хонандагон тавассути вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ, муколама ва намунаи шахсии омӯзгор рушд дода шавад;

5) ҳамкории мақсадноки мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоии маҳал ба роҳ монда шавад;

ва ин шароитҳо дар асоси амсилаи педагогие татбиқ гарданд, ки ҷузъҳои ҳадафнок, назариявӣ-методологӣ, мазмунӣ, ташкилӣ-фаъолиятӣ ва арзёбӣ-натиҷавиро муттаҳид менамояд.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асоснокии илмии мавзуъ ба назарияҳои зерин такя мекунад: таълимот дар бораи биосфера ва ноосфера (В.И.

Вернадский) ва консепсияи императиви экологӣ (Н.Н. Моисеев); назарияи фарҳанги экологии шахсият (И.Д. Зверев, С.Н. Глазачев, Б.Т. Лихачев, Л.П. Печко, В.А. Игнатова); назарияи муносибати субъективӣ ба табиат (С.Д. Дерябо, В.А. Ясвин); назарияи фаъолият ва рушди шахсият дар синни кӯдакӣ (Л.С. Выготский, А.Н. Леонтьев, Л.И. Божович, Д.Б. Эльконин); ғояҳои педагогикаи инсондӯстона (К.Д. Ушинский, В.А. Сухомлинский, Ш.А. Амонашвили); назарияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва педагогикаи иҷтимоӣ (А.В. Мудрик, Т.Г. Киселева, Ю.Д. Красильников, А.Д. Жарков); ғояҳои ахлоқию экологии мутафаккирони тоҷику форс ва анъанаҳои педагогикаи халқӣ (Х. Афзалов, Б. Раҳимов); натиҷаҳои таҳқиқоти ватанӣ оид ба тарбияи экологии хонандагони хурдсол (А. Халимов, Ш.Р. Каримова, Р.М. Кузиева, З.Н. Тӯраев, Ш.И. Ҷумъаева). Робитаи мавзуъ бо ин назарияҳо дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот ғояҳои фарҳанги экологӣ ва муносибати субъективӣ ба табиатро ба соҳаи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии кӯдакони хурдсол татбиқ менамояд ва ба равишҳои системавӣ, аксиологӣ, фаъолиятӣ, шахсиятгаро, фарҳангшиносӣ ва муҳитӣ такя мекунад. Омӯзиши амиқ ва таҳлили интиқодии адабиѐт нишон дод, ки назарияҳои зикршуда асосан ба ҷанбаҳои маърифатӣ ва ташкилии тарбияи экологӣ нигаронида шуда, шароитҳои педагогии ташаккули муносибати ахлоқӣ ба табиатро дар фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагони хурдсол ба таври низомнок ошкор намекунанд; ҳамин мушкилоти ҳалнашуда мавзуи таҳқиқоти моро асоснок месозад.

Сарчашмаи маълумот. Барои таҳқиқот сарчашмаҳои зерин истифода шуданд: *сарчашмаҳои илмӣ* – адабиѐти илмии ватанию хориҷӣ оид ба фалсафа, педагогика, педагогикаи иҷтимоӣ, психология ва экология, диссертатсияҳои ҳимояшуда ва мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла нашрияҳои хориҷии забони англисӣ; *сарчашмаҳои расмӣ* – санадҳои меъѐрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои барномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маориф, тарбия ва ҳифзи муҳити зист, стандартҳо, барномаҳо ва китобҳои дарсии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; *сарчашмаҳои оморӣ* – маълумоти миқдории пурсиш ва ташхиси хонандагону омӯзгорон ва натиҷаҳои коркарди оморӣ онҳо; *маводи эмпирикӣ* – протоколҳои озмоиши педагогӣ, мушоҳида ва суҳбатҳо. Сарчашмаҳо эътимоднок ва ба мавзуъ мутобиқ мебошанд; ҳангоми истифодаи онҳо ҳамаи иқтибосҳо дар нохунак ва бо истинод ба муаллиф оварда шуда, ҳуқуқи муаллифӣ риоя гардидааст.

Заминаҳои эмпирикӣ. Асоси таҷрибавии диссертатсияро далелҳо ва маълумоти зерин, ки муаллиф бевосита дар раванди таҳқиқот ба даст овардааст, ташкил медиҳанд: натиҷаҳои пурсиши 30 нафар омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва 200 нафар хонандаи синфҳои 3–4; натиҷаҳои кори санҷишии ибтидоӣ ва ниҳоии 160 нафар хонандаи синфҳои 3–4 (80 нафар дар гурӯҳи озмоишӣ ва 80 нафар дар гурӯҳи назоратӣ); натиҷаҳои ташхиси маҷмуӣ аз рӯйи меъѐрҳои маърифатӣ,

арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ; протоколҳои мушоҳида, корҳои эҷодӣ ва лоиҳавии хонандагон; маводи суҳбат бо омӯзгорон ва волидон. Ин маълумот бо усулҳои назариявӣ (таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст, таснифот, амсиласозӣ), эмпирикӣ (мушоҳидаи педагогӣ, пурсиш, суҳбат, ташхиси донишҳо, вазъиятҳои ташхисии ахлоқӣ-экологӣ, таҳлили маҳсули фаъолият, озмоиши педагогӣ) ва оморӣ (нишондиҳандаҳои сифати дониш, азхудкунӣ ва дараҷаи омӯзонидашавӣ, меъёрҳои χ^2-и Пирсон ва U-и Манн–Уитни) ба даст оварда ва коркард шуда, барои хулосаҳои илмӣ далелҳои боэътимод фароҳам меорад.

Пойгоҳи таҳқиқот. *Пойгоҳи ташкилӣ* – кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №7 ва №34-и шаҳри Душанбе, №14 ва №38-и ноҳияи Шаҳринав ва №3 ва №62-и ноҳияи Восеъ, ки дар онҳо озмоиши педагогӣ гузаронида шуд. Таҳқиқот дар солҳои 2020–2025 ташкил гардид: дар солҳои 2020–2021 адабиёт омӯхта ва дастгоҳи мафҳумии таҳқиқот муайян гардид; дар солҳои 2022–2024 амсила ва маҷмуи шароитҳои педагогӣ таҳия гардида, озмоиши муайянкунанда (2022), ташаккулдиҳанда (солҳои таҳсили 2022–2023 ва 2023–2024) ва ташхиси назоратӣ (охири соли таҳсили 2023–2024) гузаронида шуданд; дар соли 2025 натиҷаҳо коркард, ҷамъбаст ва нашр гардиданд. *Пойгоҳи моддӣ-техникӣ* – синфхонаҳо, гӯшаҳои табиат, қитъаҳои таълимӣ-озмоишӣ ва ҳавлиҳои мактабҳо, инчунин боғҳо ва ҷӯйборҳои маҳал. *Пойгоҳи иттилоотӣ* – хазинаи китобхонаҳои ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва пойгоҳҳои электронии нашрияҳои илмӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот дар натиҷаҳо, хулосаҳо ва дастовардҳои нави илмии зерин, ки қаблан дар адабиёти илмӣ инъикос наёфтаанд, зоҳир мегардад:

1) навгонии назариявӣ – бори аввал фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ ҳамчун сифати интегративии сеҷузъа (маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ, фаъолиятӣ-рафторӣ) асоснок гардида, муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат ҳамчун ядрои арзишии он муайян карда шуд; барои мафҳумҳои калидии таҳқиқот («фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ», «муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат», «шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ») таърифҳои муаллифӣ пешниҳод гардиданд (зербоби 1.1);

2) навгонии назариявӣ-таърихӣ – андешаҳои ахлоқӣ-экологии дар мероси фарҳангии тоҷикон ифодаёфта («Авесто», осори Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём) ва суннатҳои тарбияи мардумӣ (ҳашар, шинондани ниҳол дар айёми Наврӯз, муқаддас донистани об) бори аввал аз мавқеи педагогикаи иҷтимоӣ баррасӣ шуда, чун сарчашмаи мундариҷаи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии кӯдакони синни хурди мактабӣ асоснок гардиданд (зербоби 1.2);

3) навгонии методологӣ – амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ коркард шуд, ки ҷузъҳои ҳадафнок, назариявӣ-

методологӣ, мазмунӣ, ташкилӣ-фаъолиятӣ ва арзѐбӣ-натиҷавии он ба сохтори ягонаи сеҷузъаи фарҳанги экологӣ мутобиқ карда шудаанд; меъѐрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ ва маводи ташхисии ба кӯдакони 7–10-сола мутобиқ коркард шуданд (зербобҳои 2.1, 2.2);

4) навгонии амалӣ – маҷмуи панҷ шароити педагогӣ ва роҳҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, инчунин барномаи 34-соатаи маҳфили экологии «Посбонони сабз» ва нақшаи тақвимии корҳои фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ тартиб дода шуда, натиҷанокии онҳо бо озмоиши педагогӣ ва коркарди омории маълумот исбот гардид (зербобҳои 2.3, 3.1, 3.2).

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Асоснок карда шудааст, ки фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ сифати ҳамгирои шахсият буда, аз се ҷузъи ба ҳам алоқаманд – маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ иборат мебошад. Муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат ҳамчун асоси арзишии фарҳанги экологӣ муайян гардида, дар эҳсоси ҳамдардӣ, ғамхорӣ, масъулиятшиносӣ, принсипнокӣ, фаъолнокӣ ва муносибати эҳтиѐткорона ба муҳити зист зоҳир мегардад. Ҳамзамон, нақши хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва имкониятҳои тарбиявии мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик дар ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати масъулиятнок ба табиат асоснок карда шудааст.

2. Муайян карда шудааст, ки ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар асоси амсилаи педагогии таҳияшуда самаранок ташкил карда мешавад. Амсилаи мазкур ҷузъҳои ҳадафнок, назариявию методологӣ, мазмунӣ, ташкилӣ-фаъолиятӣ ва арзѐбӣ-натиҷавиро муттаҳид намуда, пайдарпайии ташаккули донишҳои экологӣ, муносибати арзишманд ба табиат ва рафтори масъулиятнокро таъмин менамояд. Дар ин замина меъѐрҳо, нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагон ба ҳифзи табиат муайян карда шудаанд.

3. Аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шудааст, ки ташаккули самараноки фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба татбиқи ҳамгирои панҷ шароити педагогӣ вобаста мебошад: ташкили муҳити мусоиди экологии таълимию тарбиявӣ бо дарназардошти хусусиятҳои табиию иҷтимоии маҳал; ҳамгироии мазмуни таълим бо корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар асоси мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик; ҷалби хонандагон ба фаъолияти амалӣ, лоиҳавӣ ва ҷамъиятии ҳифзи табиат; рушди ҳавасмандии дохилӣ ва мавқеи шахсии хонандагон нисбат ба табиат; таҳкими ҳамкории мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоии маҳал. Татбиқи маҷмуии шароитҳои мазкур барои рушди

фарҳанги экологӣ, масъулиятшиносӣ ва рафтори ахлоқии хонандагон замина фароҳам меорад.

4. Аз ҷиҳати таҷрибавӣ тасдиқ гардидааст, ки татбиқи маҷмуи шароитҳои педагогии пешниҳодшуда тавассути барномаи маҳфили экологии «Посбонони сабз», корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва фаъолияти амалии ҳифзи табиат ба ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ бо иштироки 160 нафар хонанда (гурӯҳи озмоишӣ – 80 нафар ва гурӯҳи назоратӣ – 80 нафар) тағйироти мусбатро дар донишҳои экологӣ, муносибати арзишманд ба табиат, масъулиятшиносӣ, ташаббускорӣ ва иштироки амалии хонандагон дар фаъолияти ҳифзи муҳити зист нишон додаанд. Самаранокии шароитҳои педагогии пешниҳодшуда дар асоси таҳлили натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ асоснок гардидааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот:

– дараҷаи таҳлил ва мушаххас намудани моҳият, сохтор ва мазмуни фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат;

– асоснок намудани сохтори сеҷузъаи фарҳанги экологӣ, ки ҷузъҳои маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафториро дар бар мегирад;

– муайян намудани қонуниятҳои ташаккули муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, аз ҷумла гузариш аз донишҳои экологӣ ба муносибати арзишманд ва рафтори масъулиятнок;

– таҳия ва асоснок намудани амсилаи шароитҳои педагогӣ, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат;

– ошкор намудани имкониятҳои тарбиявии мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик ва корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар ташаккули фарҳанги экологӣ ва такмили назарияву методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон.

Аҳамияти амалии таҳқиқот:

– истифодаи маҷмуи шароитҳои педагогии таҳияшуда дар ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳифзи табиат;

– татбиқи барномаи маҳфили экологии «Посбонони сабз» ва нақшаи тақвимии корҳои фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ;

– истифодаи маводи ташхисӣ, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳо барои муайян намудани сатҳи ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқии хонандагон ба ҳифзи табиат;

– истифодаи тавсияҳои илмию методӣ дар фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, роҳбарони синф ва ташкилкунандагони корҳои тарбиявӣ;

– татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар омодасозии омӯзгорони оянда ҳангоми таълими фанҳои «Педагогика», «Педагогикаи иҷтимоӣ», «Назария ва методикаи тарбия», инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо омилҳои зерин таъмин гардидааст: *асосҳои методологӣ* – истифодаи назарияҳои илмии тасдиқшуда, татбиқи усулҳои муосири таҳқиқот, ки ба мақсад, вазифаҳо ва мавзуи он мувофиқанд, риояи принсипҳои илмӣ; *заминаи таҷрибавӣ* – ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ (30 нафар омӯзгор ва 200 нафар хонанда дар пурсиш, 160 нафар хонанда дар озмоиши ташаккулдиҳанда), гузаронидани озмоиши педагогӣ дар шаш муассисаи таълимии се минтақа бо гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ, коркарди омории натиҷаҳо бо меъёрҳои χ^2-и Пирсон ва U-и Манн–Уитни; *тасдиқи натиҷаҳо* – нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърӯза дар конференсияҳои илмӣ; *санҷиши амалӣ* – истифодаи натиҷаҳо дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои пойгоҳи таҳқиқот, ки бо санадҳои татбиқ тасдиқ мегардад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мувофиқ мебошад. Соҳаи таҳқиқот – назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ дар тарбияи экологӣ-ахлоқии онҳо. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиноснома мутобиқат мекунад:

– банди 1 – методологияи таҳқиқоти фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ: моҳият, сохтор, вазифаҳо ва принсипҳои он, амсиласозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ;

– банди 3 – педагогикаи иҷтимоӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ: тарбияи шахсият дар муҳити иҷтимоӣ, ҳамкории оила, мактаб ва ниҳодҳои иҷтимоӣ;

– банди 5 – амалияи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ: усулҳо ва технологияҳои он, ташкили фаъолияти фароғатӣ, беруназсинфӣ ва беруназмактабии кӯдакон;

– банди 6 – сифати фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои арзёбии самаранокии он.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. *Мустақилияти методологӣ:* довталаб мавзуъ ва самти таҳқиқотро мустақилона интихоб ва асоснок намуда, дастгоҳи илмӣ, методология ва усулҳои таҳқиқотро таҳия

кардааст, консепсияи сохтори сеҷузъаи фарҳанги экологӣ ва фарзияи илмиро коркард намудааст. *Навгониҳои илмӣ:* довталаб таърифи муаллифии мафҳумҳои асосиро пешниҳод намуда, амсила ва маҷмуи шароитҳои педагогӣ, маводи ташхисӣ ва барномаи маҳфили экологии «Посбонони сабз»-ро таҳия кардааст, озмоиши педагогиро шахсан ташкил ва гузаронида, натиҷаҳоро коркарди оморӣ ва тафсир намудааст. Дар интишороти муштарак [1-М; 2-М; 3-М; 4-М; 7-М] ба довталаб коркарди назариявии масъала, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи таҷрибавӣ ва таҳияи хулосаҳо тааллуқ дорад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. *Тасвиб:* нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияи байналмилалии «Рушди забони ишора ва таҳсилоти фарогир, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷаҳони муосир» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024), конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024), «Муносибати муосир дар ташкили омӯзиши фанҳои табиатшиносию риѐзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумӣ ва олии касбӣ» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024) ва «Мушкилот дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқу риѐзӣ ва методикаи таълими онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи касбӣ» (ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024), инчунин дар ҷаласаҳо ва семинарҳои методии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ (2020–2026) ва иттиҳодияҳои методии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои пойгоҳи таҳқиқот маърӯза ва муҳокима гардида, дар мақолаҳои илмӣ нашр шудаанд. *Амалисозӣ:* натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълиму тарбияи МТМУ №7 ва №34-и шаҳри Душанбе, №14 ва №38-и ноҳияи Шаҳринав ва №3 ва №62-и ноҳияи Восеъ ҷорӣ карда шудаанд (санадҳои татбиқ дар замимаи 4 оварда шудаанд).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмуни асосии диссертатсия дар 12 интишори илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳо, инъикос ѐфтааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб (ҳафт зербоб), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиѐт (рӯйхати адабиѐти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ) ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаи чопи компютериро ташкил дода, 13 ҷадвал ва 8 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиѐт аз 149 номгӯй иборат аст.

МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш ва коркарди илмии мавзуъ асоснок гардида, мақсад, вазифаҳо, фарзияи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назаривию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф ва амсоли он муайян карда шудаанд.

Дар **боби якум** – **«Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат»** – дастгоҳи мафҳумии таҳқиқот муайян гардида, сохтори фарҳанги экологии хонандаи хурдсол асоснок карда шудааст ва решаҳои таърихии ғояҳои ахлоқии муносибати инсон ба табиат дар мероси фарҳангии халқи тоҷик ва андешаи педагогии ҷаҳонӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар зербоби 1.1 – **«Моҳият, сохтор ва мазмуни фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ»** – бӯҳрони муосири экологӣ на ҳамчун масъалаи сирф техникӣ ѐ иқтисодӣ, балки пеш аз ҳама ҳамчун масъалаи ҷаҳонбинӣ ва ахлоқ баррасӣ шудааст. Бо такя ба андешаҳои В.И. Вернадский дар бораи табдил ѐфтани инсоният ба қувваи геологӣ ва ғояи «императиви экологӣ»-и Н.Н. Моисеев нишон дода мешавад, ки бе танзими ахлоқии фаъолияти инсон ҳифзи биосфера имконнопазир аст. Муаллиф мавқеи Р.М. Кузиеваро дастгирӣ мекунад, ки ба андешаи ӯ низоми мутавозини муносибати ҷомеа ва табиатро «дар натиҷаи ташаккул додани фарҳанги экологӣ дар байни ҷомеа, маҳаки он тафаккури муносибати эҳтиромона ва эҳтиѐткорона ба сарватҳои табиат ва дигар субъектҳои биосфера меистад барқарор кардан мумкин аст» [71, с. 26].

Барои ошкор намудани моҳияти мафҳумҳои асосӣ дар зербоб мафҳумҳои ба онҳо наздик – «маориф», «маърифати экологӣ», «дониш», «фарҳанг» ва «арзиш» – дар асоси корҳои В.В. Рубсов, А.Д. Урсул, И.В. Богданов, Д.Н. Кавтарадзе, В.М. Межуев ва М.С. Каган таҳлил гардидаанд. Таъкид мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» арзишҳои ахлоқӣ ба сифати ҷузъи таркибии фарҳанги экологӣ номбар шудаанд ва ин баррасии муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиатро ҳамчун ядрои арзишии фарҳанги экологӣ асоснок месозад. Аз нуқтаи назари М.С. Каган, ки арзишро хосияти муносибати инсон ба ашѐ медонад, табиат барои кӯдак танҳо он гоҳ ба арзиш табдил меѐбад, ки ӯ бо он муносибати шахсан аҳамиятнок барқарор намояд.

Таҳлили ақидаҳои И.Д. Зверев, Н.Ф. Реймерс, Б.Т. Лихачев, Л.П. Печко, В.А. Игнатова, С.Н. Глазачев ва Н.Д. Андреева нишон дод, ки дар илм мавқеи ягона дар бораи сохтори фарҳанги экологӣ вуҷуд надорад. Р.М. Кузиева ҳолати ин мафҳумро дар илм чунин тавсиф мекунад: «Фарҳанги экологӣ категорияи шоҳанок буда аз

ҷузъиѐти зиѐд иборат мебошад. Айни замон дар байни муҳаққиқони соҳа фикру ақидаи ягонае дар бораи тавсифоти он дида нашавад, ҳам мазмунан фикрҳо ба якдигар наздиканд ва ѐ пурракунанда ва тақвиятбахшандаи ҳамдигар ба шумор мераванд» [71, с. 42]. Дар ин замина мавқеи олими тоҷик З.Н. Тӯраев барои мо муҳим мебошад, ки фарҳанги экологиро «на танҳо маҷмӯи донишҳо, балки низоми арзишҳо ва муносибатҳоест, ки рафтори инсонро дар муҳити табиӣ танзим мекунад» [124, с. 5] медонад. Дар ҷои дигари ҳамин кор З.Н. Тӯраев менависад, ки «бо такя ба таҳлилҳои илмӣ, дар сохтори фарҳанги экологӣ се ҷузъи асосӣ ҷудо карда мешаванд: эҳсосотӣ, маърифатӣ ва рафторӣ» [124, с. 63]. Бо такя ба ин ақидаҳо ва бо назардошти хусусиятҳои синни хурди мактабӣ дар таҳқиқот сохтори сеҷузъии фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ пешниҳод гардид: ҷузъи **маърифатӣ** (тасаввурот ва донишҳои аввалия дар бораи табиати зодгоҳ, робитаҳои соддатарини он ва натиҷаи амалҳои инсон), ҷузъи **арзишӣ-ангезавӣ** (баҳои эҳсосии табиат, ҳамдардӣ ба ҷондорон, майл ба ҳифзи он) ва ҷузъи **фаъолиятӣ-рафторӣ** (риояи қоидаҳои рафтор, нигоҳубини растаниҳо ва ҳайвонот, сарфаи об ва барқ, иштирок дар аксияҳо). Ин сохтор дар тамоми таҳқиқот – дар амсилаи педагогӣ, меъѐрҳои арзѐбӣ ва озмоиш – ҳамчун асоси ягона истифода шудааст.

Ҳангоми таҳлили муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат (минбаъд – МАҲТ) меъѐри ахлоқии О. Леопольд, гурӯҳбандии шуури антропосентрӣ ва экосентрии С.Д. Дерябо ва В.А. Ясвин, инчунин параметрҳои модалият ва шиддатнокии муносибати субъективӣ ба табиат, ки В.А. Ясвин ҷудо кардааст, баррасӣ гардиданд. Муқоиса нишон дод, ки ҷузъҳои шиддатнокии муносибат (персептивӣ-аффективӣ, маърифатӣ, амалӣ ва кирдорӣ) ба се ҷузъи фарҳанги экологии пешниҳодшуда мутобиқ буда, асоснокии психологии онро тасдиқ мекунанд. Дар сохтори МАҲТ-и хонандаи хурдсол шаш нишондиҳанда ҷудо карда шуд: ҳамдардӣ ва шафқат; ғамхорӣ ва меҳрубонӣ; масъулиятшиносӣ; принсипнокӣ; фаъолнокӣ ва накукорӣ; таҳаммулпазирӣ ва худдорӣ. Бо такя ба таснифи вазифаҳои таълими экологии Ш.И. Ҷумъаева панҷ вазифаи фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян гардид – маърифатӣ, арзишӣ-ахлоқӣ, танзимкунанда, иҷтимоӣ-ҳамгироӣ ва фарҳангӣ-ватандӯстӣ. Вазифаи иҷтимоӣ-ҳамгироӣ, ки бо назарияи иҷтимоишавии А.В. Мудрик ва консепсияи фаъолияти фарҳангӣ-фароғатии А.Д. Жарков асоснок мешавад, фарҳанги экологиро бевосита ба фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон пайваст месозад.

Дар натиҷаи таҳлил таърифҳои муаллифии мафҳумҳои асосӣ пешниҳод гардиданд. **Фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ** ҳамчун сифати интегративии шахсият маънидод мешавад, ки дар он тасаввурот ва донишҳои аввалияи экологӣ, баҳои эҳсосию арзишии табиат ва ангезаҳои нигоҳдории он, инчунин малакаҳо ва одатҳои рафтори ҷавобгарона дар муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ ба ҳам пайваст гардида, дар ҳаѐти ҳаррӯза ва фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии кӯдак

зоҳир мегарданд. **Муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат** – муносибати шахсан аҳамиятноки хонанда ба табиат ҳамчун арзиши умумибашарӣ ва миллӣ мебошад, ки дар ҳамдардӣ, ғамхорӣ ва масъулият, эътиқод ба зарурати ҳифзи табиат ва омодагии иштироки ихтиѐрӣ дар корҳои табиатҳифзкунӣ ифода ѐфта, тавассути интихоби ахлоқии рафтор дар вазъиятҳои воқеӣ ошкор мегардад. **Шароитҳои педагогӣ** ҳамчун маҷмуи омилҳо ва имкониятҳои мақсаднок интихобшуда ва ташкилшудаи муҳит, мундариҷа, шаклу методҳо ва ҳамкории иштирокчиѐни раванди тарбия (омӯзгор, хонанда, хонавода, ниҳодҳои маҳал) муайян шудаанд, ки ба кӯдак имкон медиҳанд аз дониш ба муносибати арзишӣ ва аз он ба рафтори устувор гузарад.

Дар зербоби 1.2 – **«Таҳаввули ғояҳои ахлоқии муносибати инсон ба табиат дар мероси фарҳангии халқи тоҷик ва низоми маориф: таҳлили таърихӣ-педагогӣ ва равишҳои методологӣ»** – ғояҳои ахлоқии муносибат ба табиат дар се сатҳ баррасӣ шудаанд: мероси фарҳангии халқи тоҷик, андешаи педагогии ҷаҳонӣ ва низоми муосири маориф. Зарурати чунин таҳлилро Р.М. Кузиева низ таъкид кардааст: «ҳалли мушкилоти таълиму тарбияи экологии талабагон ва хусусан талабагони синфҳои ибтидоӣ бидуни омӯзиши таърихи пайдоиш ва вазъияти таълиму тарбияи экологӣ ғайримумкин аст» [71, с. 35].

Муаллиф нишон медиҳад, ки сегонаи «пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек»-и «Авесто», ки ҳифзи тозагии об, замин, оташ ва ҳаворо амали савоб мешуморад, ба се ҷузъи фарҳанги экологӣ наздик буда, дар синфҳои ибтидоӣ ҳамчун воситаи фаҳмои тарбия истифода шуда метавонад. Дар осори Фирдавсӣ, Ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Носири Хусрав, Умари Хайѐм, Саъдӣ ва Ҷомӣ эҳтиром ба неъматҳои табиат, ободонии замин ва ҳифзи тозагии об ва ҳаво ҷузъи ахлоқи ҳамида дониста мешавад. Байти Фирдавсӣ «Биѐ, то ҷаҳонро ба бад наспарем, Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем» [130] дар фаъолияти беруназсинфӣ метавонад ҳамчун шиори ахлоқии кори экологии кӯдакон хизмат кунад. Анъанаҳои педагогикаи халқӣ – манъи ифлос кардани чашма, ниҳолшинонӣ ҳангоми таваллуди фарзанд ва дар Наврӯз, ҳашарҳои баҳорӣ, эҳтироми нон ва об, мақолу зарбулмасалҳо – хусусияти амалӣ ва дастаҷамъона дошта, барои мазмуни фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии мактаб сарчашмаи бевосита мебошанд. Р.М. Кузиева навъи фарҳанги экологиро, ки ба ин анъанаҳо такя мекунад, чунин тавсиф медиҳад: «Фарҳанги экологие, ки дар заминаи анъанаҳои қавмию миллӣ ва маҳалӣ ташаккул ѐфта аз насл ба насл гузашта ҷанбаи маҳалӣ дорад» [71, с. 40]. Нақши интиқоли таҷрибаро аз насл ба насл Ш.И. Ҷумъаева чунин ифода мекунад: «Кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ ба рафтори калонсолон – падар, модар, бародар, хоҳар ва ҳамсояҳо нигоҳ карда, ҳама чизро аз онҳо меомӯзанд» [46, с. 27].

Таҳлили андешаи педагогии ҷаҳонӣ (Я.А. Коменский, Ж.-Ж. Руссо, И.Г. Песталоссӣ, К.Д. Ушинский, В.А. Сухомлинский) гузариши тадриҷии маорифро аз

интиқоли дониш ба ташаккули муносибат ва рафтор нишон медиҳад. Барои таҳқиқот андешаи К.Д. Ушинский аҳамияти принсипиалӣ дорад: «танҳо ақл ва донишҳо барои решадор кардани ҳисси ахлоқӣ, ҳамон таҳкурсии мустаҳками ҷамъиятӣ, ки одамонро ба ҷомеаи росткор ва ҳамдигарфаҳм мепайвандад, кофӣ нест» [128]. Аз ин бармеояд, ки донишҳои экологӣ худ аз худ ба муносибати ахлоқӣ табдил намеёбанд ва барои ин шароитҳои махсуси педагогӣ зарур аст. Ба ҳамин хулоса З.Н. Тӯраев низ омада, қайд мекунад, ки «донишҳои пароканда наметавонанд дар зеҳни хонанда тасаввуроти мукаммал ба вуҷуд оваранд» [124, с. 6]. Панҷ гурӯҳи ҳадафҳои таълими экологӣ, ки Конференсияи Тбилиси (1977) муайян кардааст (огоҳӣ, дониш, муносибат, малакаҳо, иштирок), ба сохтори сеҷузъии фарҳанги экологии пешниҳодшуда мувофиқ мебошанд. Ҳуҷҷатҳои байналмилалии «Ояндаи умумии мо» (1987), «Рӯзномаи асри XXI» (1992) ва барномаи ЮНЕСКО «Маориф барои рушди устувор то соли 2030» маорифи экологиро на танҳо дар дарс, балки тавассути тамоми ҳаёти муассисаи таълимӣ ва ҳамкорӣ бо ҷомеаи маҳаллӣ пешбинӣ мекунанд.

Дар зербоб саҳми олимони ватанӣ – С. Акрамов, Х. Афзалов, Б. Раҳимов, А. Халимов, З.Ш. Курбанова, Р.М. Кузиева, З.Н. Тӯраев, Ш.И. Ҷумъаева ва дигарон – дар коркарди масъалаҳои тарбияи экологӣ, инчунин заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии маорифи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи миллии тарбия, қонунҳои «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд», барномаҳои давлатии экологӣ) таҳлил гардидааст. Дар асоси ин чор самти рушди ғояҳои ахлоқии муносибат ба табиат дар маорифи муосир муайян карда шуд: ҳамгироии донишҳои экологӣ бо арзишҳои ахлоқӣ; тақвияти фаъолияти амалӣ; такя ба равишҳои гуманизми муосир; пайвастани таълим бо ҳаёт ва муҳити иҷтимоии маҳал. Асоси методологии таҳқиқотро равишҳои системавӣ, аксиологӣ, фаъолиятӣ, шахсиятгаро, фарҳангшиносӣ ва муҳитӣ ташкил медиҳанд.

Дар **боби дуюм** – **«Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ»** – хусусиятҳои синнусолӣ ва омилҳои педагогӣ-психологии ташаккули МАҲТ ошкор карда шуда, амсилаи шароитҳои педагогӣ коркард гардида, маҷмуи шароитҳо ва роҳҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ асоснок карда шудаанд.


Дар зербоби 2.1 – **«Хусусиятҳои синнусолӣ ва омилҳои педагогӣ-психологии ташаккули муносибати ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳифзи табиат»** – бо такя ба корҳои Л.С. Выготский, Д.Б. Эльконин, Л.И. Божович, В.С. Мухина ва Г.А. Цукерман хусусиятҳои дарк, диққат, тафаккур, хотира ва соҳаи ангезавии кӯдаки 7–10-сола тавсиф шудаанд. Аз онҳо хулосаҳои амалӣ бароварда шуданд: машғулиятҳои экологӣ бояд кӯтоҳ, аёнӣ ва эҳсосан ҷолиб

бошанд; робитаҳои сабабу натиҷаро дар табиат кӯдак беҳтар дар ҳолате дарк мекунад, ки онҳоро худ мушоҳида кардааст ѐ бо амали худ ба вуҷуд овардааст; он чи бо эҳсоси қавӣ ҳамроҳ аст, дар хотираи ӯ дер боқӣ мемонад. Ба ин хусусияти синну сол Р.М. Кузиева низ ишора мекунад: «Дар давраи ибтидоӣ кӯдакон бештар эътимоднок ва таъсирпазир буда, ба табиат наздиктар қарор доранд ва аз ин лиҳоз тавассути кунҷковии онҳо метавон ба маърифати экологияшон тақвият бахшида, сифати табиатдӯстдорӣ ва ҳифзи онро ба онҳо ѐд дод» [71, с. 6]. Мувофиқи хулосаи Ж. Пиаже, дар синни 7–10-солагӣ гузариш аз ахлоқи «гетерономӣ» ба ахлоқи «автономӣ» сурат мегирад, ки бештар дар ҳамкорӣ бо ҳамсолон ба амал меояд. Аз ин рӯ, қоидаҳои рафтор дар табиат бояд на танҳо эълон, балки бо худи кӯдакон муҳокима ва якҷоя таҳия карда шаванд, корҳои гурӯҳӣ бошанд, дар ташаккули муносибати мустақили ахлоқӣ аз таъсири фардии омӯзгор натиҷаи бештар медиҳанд.

Дар зербоб гузариши ангезаҳо аз берунӣ (эътирофи омӯзгор, баҳо, таъриф) ба дохилӣ яке аз нишонаҳои асосии ташаккули МАҲТ дониста шудааст. Вазифаҳои ташаккули МАҲТ ва шаклҳои мувофиқи фаъолият аз рӯйи марҳилаҳои синнусолӣ тафовут доранд: дар синфи 1 бедор кардани ҳайрат ва муҳаббат ба табиат ва азхудкунии қоидаҳои оддии рафтор; дар синфҳои 2–3 дарки робитаҳои оддии табиат, ташаккули ҳамдардӣ ва масъулият; дар синфи 4 дарки сабабу оқибати рафтори инсон, интихоби мустақили ахлоқӣ ва ташаббускорӣ. Пайдарпайии наздикро З.Н. Тӯраев дар мисоли дарсҳои табиатшиносӣ нишон медиҳад, ки ба ақидаи ӯ «дар синфи 1-ум вазифаи асосӣ бедор намудани шавқу ҳавас ва муносибати мусбат ба табиат мебошад» [124, с. 88], дар синфи дуюм бошад, «доираи дарк васеъ гардида, хонанда на танҳо объектҳои алоҳидаро мешиносад, балки кӯшиш мекунад онҳоро гурӯҳбандӣ, муқоиса ва аз нигоҳи аҳамияти экологӣ арзѐбӣ намояд» [124, с. 89]. Ҳамчун омилҳои асосии педагогӣ-психологӣ намунаи шахсии омӯзгор ва калонсолон, таҷрибаи эҳсосии бевосита дар табиат, шаклҳои фаъол ва интерактивии фаъолият, муҳити оила ва маҳалла ва фаъолияти дастаҷамъонаи ҳамсолон ҷудо карда шуданд. Таҳқиқоти Л. Чаула, Д. Собел ва Р. Лув тасдиқ мекунанд, ки вақти дар табиат гузаронидашуда ва намунаи калонсоли табиатдӯст дар кӯдакӣ асоси рафтори минбаъдаи ҳифзи табиат мегардад, огоҳии барвақт аз фалокатҳои глобалӣ бошад, метавонад дар кӯдак тарс ва бетафовутӣ ба вуҷуд оварад. Тафовути муҳити шаҳр ва деҳот низ ба назар гирифта шуд, ки дар интихоби пойгоҳи озмоиш – муассисаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои Шаҳринав ва Восеъ – инъикос ѐфтааст.

Дар зербоби 2.2 – **«Амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат»** – бо истифода аз усули амсиласозӣ (В.И. Загвязинский, В.П. Беспалько) амсилаи педагогӣ таҳия гардидааст. Ҳадафи чунин амсиларо З.Н. Тӯраев ҳамчун

«таъмини гузариши пайдарпайи хонанда аз дарки ибтидоии объектҳои табиат ба муносибати арзишманд ва рафтори амалии экологӣ» [124, с. 74] муайян мекунад. Фарқияти амсилаи мо дар он аст, ки дар маркази он блоки шароитҳои педагогӣ ва фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон ҷой дода шудааст (расми 1).



Расми 1. – Амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат

Амсила аз панҷ ҷузъи ба ҳам алоқаманд иборат аст. **Ҷузъи ҳадафнок** ҳадаф ва вазифаҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ-ро дар бар гирифта, онҳоро ба се ҷузъи фарҳанги экологӣ мутобиқ месозад. **Ҷузъи назариявӣ-**

методологӣ шаш равиш (системавӣ, аксиологӣ, фаъолиятӣ, шахсиятгаро, фарҳангшиносӣ, муҳитӣ) ва ҳафт принсипро (мутобиқат ба табиат ва синну сол, мутобиқат ба фарҳанг, ҳамгироии таълим ва фаъолияти беруназсинфӣ, пайдарпайӣ ва бефосилагӣ, фаъолиятнокӣ, маҳаллигардонӣ, ҳамкории субъектҳои тарбия) фаро мегирад. **Ҷузъи мазмунӣ** дар чор модул ташкил шудааст: «Табиати зодгоҳи ман», «Табиат дар мероси ниёгон», «Ман ва табиат: рафтори масъулона» ва «Ҳифзи табиат – кори ҳамагон»; мазмуни модулҳо бо фанҳои «Табиатшиносӣ», «Хониши адабӣ», «Забони модарӣ», «Санъати тасвирӣ» ва «Меҳнат» ҳамгиро гардида, аз синф ба синф мураккаб мешавад. **Ҷузъи ташкилӣ-фаъолиятӣ** маҷмуи панҷ шароити педагогӣ, шаклҳо ва усулҳои фаъолиятро дар бар мегирад; дар байни шаклҳо методи лоиҳавӣ ҳамчун шакли ҳамгирокунанда ҷойгоҳи махсус дорад. **Ҷузъи арзёбӣ-натиҷавӣ** ба мавқеи З.Н. Тӯраев такя мекунад, ки «натиҷаи таълим бояд дар се самт зоҳир гардад: дар сатҳи дониш, дар сатҳи муносибат ва дар сатҳи рафтори амалӣ» [124, с. 81]. Мутобиқан се меъёр – маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ – бо се нишондиҳанда барои ҳар яке ва тавсифи сатҳҳои баланд, миёна ва паст муайян гардиданд. Мазмуни меъёри арзишӣ-ангезавӣ ба тавсифи З.Н. Тӯраев мувофиқ аст: «Нишондиҳандаҳои меъёри арзишӣ-ангезишӣ фарогири шавқу ҳавас ба табиат, эҳсоси дилсӯзӣ нисбат ба мавҷудоти зинда, муносибати эҳтиёткорона ба муҳити атроф ва омодагӣ ба иштирок дар фаъолиятҳои экологӣ мебошанд» [124, с. 127]. Барои ташхис супоришҳои санҷишӣ, вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ ва саволномаи кӯтоҳи муносибат ба табиат (дар асоси методикаҳои С.Д. Дерябо, В.А. Ясвин, Л.В. Моисеева ва И.Р. Колтунова), харитаи мушоҳидаи рафтор ва таҳлили маҳсули фаъолият интихоб шуданд. Чунин сохтори меъёрҳо имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи умумӣ, балки «профил»-и ташаккули фарҳанги экологии ҳар як хонанда муайян карда шавад.

Амсила дар се марҳила амалӣ мегардад: ташхисӣ-ангезавӣ (муайян кардани сатҳи аввала, бедор кардани рағбат ба табиати наздик, омодасозии омӯзгорону волидон), амалиётӣ-фаъолиятӣ (татбиқи маҷмуи шароитҳо дар дарсҳои ҳамгиро ва фаъолияти беруназсинфию беруназмактабӣ) ва рефлексивӣ-арзёбӣ (ташхиси такрорӣ, худбаҳодиҳӣ, муаррифии дастовардҳо дар ҷашни «Табиат – хонаи умумии мо»). Ҳам дар дохили ҳар модул ва ҳам дар пайдарпайии марҳилаҳо мантиқи «мушоҳида – фаҳмиш – муносибат – амал» риоя мешавад, ки дар он ҳалқаи «муносибат» тавассути вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ махсус ташаккул дода мешавад.

Дар зербоби 2.3 – **«Маҷмуи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат ва роҳҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ»** – панҷ шароити педагогӣ ва роҳҳои амалӣ сохтани онҳо асоснок карда шудаанд.

Шароити якум – ташкили муҳити экологии таълимию тарбиявӣ дар муассиса ва ҳамгироии он бо муҳити табиию иҷтимоии маҳал. Гӯшаи табиат дар синфхона на ҳамчун ороиш, балки ҳамчун макони фаъолияти мунтазами кӯдакон ташкил мешавад: растаниҳои хонагӣ, зарфҳо бо кишти тухмиҳо, «Тақвими табиат» ва навбатдории гурӯҳҳои хурд. Ба он «пайраҳаи экологӣ»-и ҳавлии мактаб бо лавҳаҳое, ки худи хонандагон омода кардаанд, қитъаи таълимӣ-озмоишӣ ва саҳатҳо ба боғ, соҳили ҷӯйбор ва доманаи кӯҳ илова мешаванд. Ҳар як саҳат бо супориши мушаххас ва амали хурди ҳифзи табиат анҷом меёбад.

Шароити дуюм – ҳамгироии мазмуни фанҳои синфҳои ибтидоӣ бо мазмуни фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабии экологӣ дар асоси мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик. Мавзуе, ки дар дарс оғоз гардидааст, дар маҳфил тавассути мушоҳида, дар соати тарбиявӣ тавассути муҳокимаи вазъияти ахлоқӣ ва дар оила тавассути супориши муштарак бо волидон амиқ карда мешавад. Ҳамчун намуна дарси ҳамгирои «Хониши адабӣ» ва «Табиатшиносӣ» дар синфи 3 дар асоси рубоии Умари Хайём «Ҳар сабза, ки бар канори ҷӯе рустаст...» пешниҳод гардидааст, ки дар он як мавзуъ ҳамзамон ба ҳар се ҷузъи фарҳанги экологӣ нигаронида мешавад. Ҷашнҳои миллӣ – Наврӯз, Меҳргон, Сада – ва рӯзҳои байналмилалии экологӣ бо амалҳои мушаххаси ободонӣ пайваст карда мешаванд.

Шароити сеюм – ҷалби мунтазами хонандагон ба фаъолияти амалӣ, лоиҳавӣ ва ҷамъиятии ҳифзи табиат. Хонандагони хурдсол бештар тавассути амал меомӯзанд, аз ин рӯ шинондан ва нигоҳубини растаниҳо, тоза нигоҳ доштани ҳавлӣ, мушоҳидаҳои содда ва лоиҳаҳои хурд («Нигоҳубини боғ», «Ҷамъоварии партовҳо», «Шиносоӣ бо муҳити зист», «Табиат ва мо») ба ҳар се ҷузъи фарҳанги экологӣ ҳамзамон таъсир мерасонанд. Озмунҳои гурӯҳии плакатҳо ва мусобиқаҳо, ки дар онҳо вазифаҳо байни аъзоёни гурӯҳ тақсим мешаванд, масъулияти муштаракро тарбия мекунанд.

Шароити чорум – рушди ангезаи дохилӣ ва мавқеи шахсии хонандагон тавассути вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ, муколама ва намунаи шахсии омӯзгор. Вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ ба чор навъ ҷудо карда шуданд: вазъиятҳои интихоб (манфиати шахсӣ ё манфиати табиат), ихтилоф (бархӯрди манфиатҳои одамон), ҳамдардӣ («Агар ту паррандачаи бе лона мебудӣ...») ва арзёбӣ (баҳо ба рафтори қаҳрамонон ва ҳамсолон). Дар синфҳои 1–2 бештар вазъиятҳои ҳамдардӣ ва арзёбӣ, дар синфҳои 3–4 вазъиятҳои интихоб ва ихтилоф истифода мешаванд. Ҳар як вазъият бо саволҳои пайдарпай («Чӣ ҳис мекунӣ?», «Чӣ кор мекунӣ?», «Чаро?», «Оқибаташ чӣ мешавад?») муҳокима мегардад ва омӯзгор ҷавоби «дуруст»-ро таҳмил накарда, фикрҳои кӯдаконро ҷамъбаст менамояд. «Дафтари хайрхоҳиҳои ман», ки дар он кӯдак амалҳои неки

худро нисбат ба табиат сабт мекунад, ба гузариши тадриҷӣ аз ангезаи баҳо ва таъриф ба қаноатмандии дохилӣ аз амали нек мусоидат менамояд.

Шароити панҷум – ҳамкории мақсадноки мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоии маҳал. Ин шароит дар қонунгузорӣ асоси бевосита дорад: «Падару модар ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда вазифадоранд, ки кӯдаконро дар рӯҳияи муносибати ғамхорона ва масъулиятшиносӣ нисбат ба муҳити зист тарбия намоянд» [2, моддаи 13]. Вазифаи асосии ҳамкорӣ на танҳо ҷалби волидон ба чорабиниҳо, балки мувофиқ сохтани талаботи мактаб ва оила мебошад, то кӯдак ба «ду меъёр» хӯ нагирад. Ба андешаи З.Н. Тӯраев, «ҷалби волидон ба раванди фаъолияти экологӣ-кишваршиносӣ ҳамчун омили муҳими педагогӣ баррасӣ гардида, мутобиқати таъсири мактаб ва муҳити оилавиро таъмин менамояд, ки барои ташаккули устувори арзишҳои экологӣ аҳамияти хос дорад» [124, с. 104]. Барои ин маҷлисҳои волидон, супоришҳои муштарак («Дарахти оилаи мо», «Сарфаи об дар хонаи мо»), ҳашарҳои оилавӣ, вохӯриҳо бо ҷангалбонҳо ва мутахассисони ҳифзи муҳити зист, боздид аз осорхонаи кишваршиносӣ ва «соатҳои китобхонавӣ» истифода шуданд.

Шароитҳо дар вобастагии мутақобила амал мекунанд: муҳити экологии мактаб барои фаъолияти амалӣ заминаи моддӣ медиҳад; фаъолияти амалӣ бе муҳокима ва баѐни муносибати шахсӣ ба иҷрои механикии супоришҳо табдил меѐбад; мазмуни ҳамгирои фанҳо ва мероси фарҳангӣ ба амал маънои арзишӣ медиҳад; ҳамкорӣ бо оила ва маҳал натиҷаҳоро дар ҳаѐти ҳаррӯзаи кӯдак мустаҳкам месозад. Аз ҳамин сабаб дар фарзияи таҳқиқот на шароитҳои алоҳида, балки татбиқи якҷояи маҷмуи онҳо ҳамчун омили самаранокӣ пешниҳод гардидааст. Ба ин мавқеъ андешаи З.Н. Тӯраев наздик аст: «Агар шаклҳои синфӣ бештар ба ташаккули дониш ва фаҳмиш мусоидат намоянд, пас фаъолиятҳои беруназсинфӣ ва амалии муҳити зист ба устуворшавии муносибат ва рафтори экологӣ шароит фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, самаранокии бештар дар ҳолати истифодаи пайваста ва мутавозини ҳамаи ин шаклҳо ба даст меояд» [124, с. 73].

Дар **боби сеюм** – **«Санҷиши таҷрибавии самаранокии шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат»** – мазмун ва шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологии хонандагон дар ҷараѐни озмоиш тавсиф гардида, натиҷаҳои озмоиши педагогӣ бо усулҳои оморӣ таҳлил шудаанд.

Дар зербоби 3.1 – **«Мазмун ва шаклҳои фаъолияти экологии фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараѐни озмоиши педагогӣ»** – нишон дода мешавад, ки дарс заминаи донишӣ ва маърифатиро таъмин карда, фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ майдони асосии татбиқи шароитҳои педагогӣ мебошад. Ин интихоб бо хулосаи Р.М. Кузиева мувофиқат мекунад, ки

раванди дарс «қодир ба фаро гирифтани ҳама ҷанбаҳои тарбия ва ташаккули шахсияти талабагони синфҳои ибтидоӣ нест» [71, с. 102]. Дар бораи имкониятҳои ин фаъолият Р.М. Кузиева менависад: «Дар раванди чорабиниҳои беруназсинф ва беруназмактабӣ талабагони синфҳои ибтидоӣ ин фурсатро ба даст меоваранд, ки майлу хоҳиш, нигариш, муҳаббат ва алоқаи худро ба табиат ва муҳити атроф нишон диҳанд ва сипас онҳоро инкишоф диҳанд» [71, с. 101].

Пеш аз оғози кор барои омӯзгорон семинари методӣ доир ба моҳияти фарҳанги экологӣ ва МАҲТ, маҷмуи шароитҳои педагогӣ, методикаи саèҳатҳо, лоиҳаҳо ва вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ ва истифодаи маводи ташхисӣ гузаронида шуд. Маркази фаъолияти беруназсинфӣ маҳфили экологии «Посбонони сабз» буд, ки ҳар ҳафта машғулият мегузаронд, шӯрои хурди хонандагонро дошт ва барномаи он аз чор модули амсила иборат буд. Ҳар як машғулият мантиқи амсиларо такрор мекард: масалан, машғулияти «Об – манбаи ҳаèт» аз қисмҳои ангезиш, маърифатӣ (таҷрибаи содда дар бораи миқдори обе, ки аз ҷӯмаки кушода беҳуда мерезад), арзишӣ (панду андарзҳои халқӣ ва вазъияти ахлоқӣ-экологӣ) ва амалӣ («Ваъдаи об» дар «Дафтари хайрхоҳиҳои ман» бо назорати волидон) иборат буд.

Дар озмоиш инчунин саèҳатҳо ба Боғи ботаникӣ ва боғҳои шаҳри Душанбе, соҳили дарèҳо ва ҷӯйборҳои ноҳияҳои Шаҳринав ва Восеъ; «пайраҳаи экологӣ»-и мактаб бо 6–8 истгоҳ; аксияҳои «Хонаи паррандагон», «Ниҳоли ман», «Ҳавлии тоза» ва лоиҳаи «Ҷӯйбори соф»; ҷашнҳои «Иди гулҳо», Наврӯз бо ниҳолшинонии оилавӣ, «Рӯзи паррандагон» ва «Табиат – хонаи умумии мо»; баромадҳои иттилоотии субҳгоҳӣ ва воҳӯриҳо бо мутахассисон; озмунҳои расм ва театри лӯхтак; мутолиаи берун аз барнома (ҳикояҳои С. Айнӣ ва Ф. Муҳаммадиев, афсонаҳои халқии тоҷик, порчаҳои «Шоҳнома») ва конфронси хурди хонандагони синфи 4; соатҳои тарбиявӣ бо вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ ва клуби «Чаро?» истифода шуданд. Натиҷаи саèҳатҳои ба ин монандро Р.М. Кузиева чунин арзèбӣ кардааст: «талабагон фаҳмиданд, ки табиати минтақаи онҳо ғанӣ ва гуногун аст. Ин саèҳат боиси тақвияти èфтани эҳсосоти талабагони хурдсол, ба монанди муҳаббат ба табиат ва сарватҳои он шуд» [71, с. 115]. Супоришҳои эҷодӣ ва ташхисӣ ба се гурӯҳ – маърифатӣ (А), арзишӣ-ангезавӣ (Б) ва фаъолиятӣ-рафторӣ (В) – ҷудо карда шуданд. Барои низомнокии кор нақшаи тақвимии намунавӣ таҳия гардид, ки дар он шаклҳои фаъолият бо фаслҳои сол, ҷашнҳои миллӣ ва рӯзҳои экологӣ мувофиқ гардонида шуда, дар ҳар моҳ на камтар аз ду шароити педагогӣ ҳамзамон амалӣ мегарданд.


Дар зербоби 3.2 – **«Ташкил, гузаронидан ва таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ»** – раванд ва натиҷаҳои озмоиш тавсиф шудаанд. Озмоиш дар МТМУ №7 ва №34-и шаҳри Душанбе, МТМУ №14 ва №38-и ноҳияи Шаҳринав ва МТМУ №3 ва №62-и ноҳияи Восеъ дар се марҳила –

муайянкунанда (2022), ташаккулдиҳанда (2022–2024) ва назоратӣ (охири соли таҳсили 2023–2024, коркард – 2025) гузаронида шуд. Дар марҳилаи муайянкунанда 30 омӯзгор ва 200 хонандаи синфҳои 3–4, дар марҳилаи ташаккулдиҳанда 160 хонанда (ГО – 80, ГН – 80 нафар) иштирок карданд. Зарурати гурӯҳи назоратиро Ш.И. Ҷумъаева чунин асоснок кардааст: «маҳз мавҷудияти гурӯҳи назоратӣ ба мо имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои таҳқиқшавандаро муқоиса намуда, бо ҳамин роҳ таъсири бадастомадаро фарқ кунем» [46, с. 125].

Омодагии омӯзгорон ба ташкили тарбияи экологӣ тавассути пурсишнома муайян гардид (ҷадвали 1, расми 2).


Ҷадвали 1. – Тақсимоти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи сатҳи омодагӣ ба ташкили тарбияи экологӣ (N = 30)

Гурӯҳ	**Шумора**	**Ҳисса, %**
Гурӯҳи якум – ба душвориҳои назарраси методӣ дучор намешаванд	8	26,7
Гурӯҳи дуюм – ба душвориҳои методӣ ва мазмунӣ дучор мешаванд	14	46,7
Гурӯҳи сеюм – душвориҳои қисман доранд	8	26,6
Ҳамагӣ	30	100,0



Расми 2. – Тақсимоти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи сатҳи омодагӣ ба ташкили тарбияи экологӣ (N = 30)

Танҳо ҳар чоруми омӯзгор (26,7%) тарбияи экологиро бе душвориҳои ҷиддӣ ташкил медиҳад, қариб нисфи онҳо (46,7%) ба душвориҳои методӣ ва мазмунӣ дучор мешаванд. Омилҳое, ки ба назари омӯзгорон ба ташаккули фарҳанги экологӣ мусоидат мекунанд, дар расми 3 оварда шудаанд.




Расми 3. – Омилҳое, ки ба назари омӯзгорон ба ташаккули фарҳанги экологии хонандагон мусоидат мекунанд (N = 30)

Омӯзгорон ба ҳамгироии фанҳо ва фаъолияти беруназсинфӣ (33,3%) бештар аҳамият медиҳанд, ҳамкорӣ бо оила ва ниҳодҳои маҳал бошад, дар ҷавобҳо зикр нагардид. Муносибати хонандагон ба масъалаҳои ҳифзи табиат тавассути саволномаи чорсаволӣ омӯхта шуд (ҷадвали 2, расми 4).

Ҷадвали 2. – Натиҷаҳои пурсиши хонандагон оид ба муносибат ба масъалаҳои ҳифзи табиат (N = 200)

Савол	**Сатҳи баланд, нафар (%)**	**Сатҳи миёна, нафар (%)**	**Сатҳи паст, нафар (%)**
Саволи 1	129 (64,5)	44 (22,0)	27 (13,5)
Саволи 2	104 (52,0)	63 (31,5)	33 (16,5)
Саволи 3	101 (50,5)	77 (38,5)	22 (11,0)
Саволи 4	122 (61,0)	56 (28,0)	22 (11,0)




Расми 4. – Натиҷаҳои пурсиши хонандагон оид ба муносибат ба масъалаҳои ҳифзи табиат (N = 200), %

Муносибати хонандагон дар маҷмуъ мусбат аст, вале аз рӯйи саволи сеюм, ки ба иштироки воқеӣ дар корҳои экологӣ дахл дорад, ҳиссаи сатҳи баланд камтарин (50,5%) мебошад: муносибати эълоншуда ҳанӯз ба рафтори фаъол табдил наёфтааст. Сатҳи ибтидоии донишҳои экологии ГО ва ГН бо кори санҷишӣ муайян карда шуд (ҷадвали 3, расми 5).

Ҷадвали 3. – Натиҷаҳои кори санҷишии хонандагони ГО ва ГН дар оғози озмоиш

Дараҷа	**ГО (N = 80), нафар (%)**	**ГН (N = 80), нафар (%)**
Баланд	19 (23,75)	20 (25,00)
Хуб	34 (42,50)	33 (41,25)
Миёна	17 (21,25)	15 (18,75)
Паст	10 (12,50)	12 (15,00)




Расми 5. – Натиҷаҳои кори санҷишии хонандагони ГО ва ГН дар оғози озмоиш, %

Нишондиҳандаҳои ҳарду гурӯҳ қариб якхелаанд (С = 66,25% дар ҳарду гурӯҳ; ДО = 60,60% ва 60,55%); баробарии онҳо аз ҷиҳати оморӣ тасдиқ гардид ($\chi^2 = 0,35 < \chi^2$кр = 7,81; p ≈ 0,95; U = 3200,5; p ≈ 1,00). Пас аз татбиқи маҷмуи шароитҳои педагогӣ дар ГО кори санҷишии такрорӣ бо ҳамон сохтор гузаронида шуд (ҷадвали 4, расми 6).

Ҷадвали 4. – Натиҷаҳои кори санҷишии хонандагони ГО ва ГН дар охири озмоиш

Дараҷа	ГО (N = 80), нафар (%)	ГН (N = 80), нафар (%)
Баланд	36 (45,00)	23 (28,75)
Хуб	31 (38,75)	30 (37,50)
Миёна	11 (13,75)	19 (23,75)
Паст	2 (2,50)	8 (10,00)




Расми 6. – Натиҷаҳои кори санҷишии хонандагони ГО ва ГН дар охири озмоиш, %.

Дар ГО шумораи баҳоҳои «5» аз 19 то 36 нафар афзуда, шумораи баҳоҳои «2» аз 10 то 2 нафар кам шуд. Динамикаи нишондиҳандаҳои сифати дониш, азхудкунӣ ва дараҷаи омӯзонидашавӣ дар ҷадвали 5 ва расми 7 ҷамъбаст гардидааст.

Ҷадвали 5. – Динамикаи нишондиҳандаҳои сифати дониш, азхудкунӣ ва дараҷаи омӯзонидашавии хонандагони ГО ва ГН, %

Нишондиҳанда	ГО: оғоз	ГО: охир	ГН: оғоз	ГН: охир
Сифати дониш (С)	66,25	83,75	66,25	66,25
Азхудкунӣ (А)	87,50	97,50	85,00	90,00
Дараҷаи омӯзонидашавӣ (ДО)	60,60	75,15	60,55	62,90
Холи миёна	3,77	4,26	3,76	3,85




Расми 7. – Динамикаи нишондиҳандаҳои сифати дониш, азхудкунӣ ва дараҷаи омӯзонидашавии хонандагони ГО ва ГН, %

Дар ГО сифати дониш 17,5, азхудкунӣ 10,0 ва дараҷаи омӯзонидашавӣ 14,55 банди фоизӣ афзуд, дар ГН сифати дониш тағйир наёфт. Фарқияти гурӯҳҳо дар охири озмоиш аҳамиятнок аст ($\chi^2 = 8{,}61 > 7{,}81$; $p \approx 0{,}035$; $U = 3968{,}5$; $z = 2{,}78$; $p \approx 0{,}005$). Барои арзёбии ҳар се ҷузъи фарҳанги экологӣ ташхиси маҷмуӣ (то 30 хол) гузаронида шуд; сатҳи баланд ба тавсифи З.Н. Тӯраев мувофиқ аст, ки он «бо дониши мукаммали экологӣ, мавқеи устувори арзишӣ, муносибати масъулона ва иштироки фаъолона дар корҳои амалӣ ва табиатдӯстона зоҳир мешавад» [124, с. 127]. Натиҷаҳо дар ҷадвали 6 ва расми 8 оварда шудаанд.

Ҷадвали 6. – Сатҳҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар хонандагони ГО ва ГН дар охири озмоиш

Сатҳ	ГО (n = 30), нафар (%)	ГН (n = 35), нафар (%)
Паст (0–19 хол)	1 (3,3)	6 (17,1)
Миёна (20–24 хол)	8 (26,7)	14 (40,0)
Баланд (25–30 хол)	21 (70,0)	15 (42,9)



Расми 8. – Сатҳҳои ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар хонандагони ГО ва ГН дар охири озмоиш, %

Дар ГО 70,0%-и хонандагон ба сатҳи баланд расиданд, дар ГН – 42,9%; фарқият аз рӯйи меъёри U-и Манн–Уитни аҳамиятнок аст (U = 684,5; z = 2,36; p ≈ 0,019). Ин натиҷаҳо ба хулосаи З.Н. Тӯраев мувофиқанд, ки «ташаккули муносибати оқилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба табиат раванди мураккаб ва дарозмуддат буда, танҳо дар шароити татбиқи маҷмӯии усулҳои таълимӣ ва фаъолияти амалӣ самаранок мегардад» [124, с. 128]. Дар марҳилаи назоратӣ ангезаҳои фаъолияти таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи иловагӣ омӯхта шуданд (ҷадвали 7).

Ҷадвали 7. – Ангезаҳои фаъолияти таълимии хонандагони ГО ва ГН дар марҳилаи назоратӣ

Ангеза	ГО (N = 80), нафар (%)	ГН (N = 80), нафар (%)
Ангезаҳои берунӣ:		
гирифтани баҳои «аъло»	40 (50,0)	36 (45,0)
шунидани таърифи омӯзгор ва волидон	20 (25,0)	16 (20,0)
гирифтани мукофот	10 (12,5)	16 (20,0)
ҷолиб будан барои дӯстон	2 (2,5)	8 (10,0)
Ангезаҳои дохилӣ:		
шавқ ба фан ва табиат	4 (5,0)	2 (2,5)
хоҳиши азхуд кардани кори мустақилона	4 (5,0)	2 (2,5)

Дар ҳарду гурӯҳ ангезаҳои берунӣ бартарӣ доранд, вале дар ГО ҳиссаи ангезаҳои дохилӣ (10,0%) нисбат ба ГН (5,0%) бештар аст. Натиҷаҳои ба даст омада фарзияи таҳқиқотро тасдиқ мекунанд: татбиқи якҷояи маҷмуи панҷ шароити педагогӣ дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон самаранокии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ-ро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври назаррас баланд мебардорад.

ХУЛОСА

Омӯзиши назариявӣ ва таҷрибавии шароитҳои педагогие, ки ба ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва муносибати ахлоқии онҳо ба ҳифзи табиат мусоидат мекунанд, мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба хулосаҳои зерин оварда.

1. Муайян карда шуд, ки фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ сифати интегративии шахсият буда, ҷузъҳои маърифатӣ (донишу тасаввуроти ибтидоии экологӣ), арзишӣ-ангезавӣ (муносибати эҳсосӣ-арзишӣ ва ангезаҳои ҳифзи табиат) ва фаъолиятӣ-рафториро (малакаю одатҳои рафтори масъулона) муттаҳид месозад. Ядрои арзишии он муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат мебошад, ки дар ҳамдардӣ, ғамхорӣ, масъулиятшиносӣ, принсипнокӣ, фаъолнокӣ ва таҳаммулпазирӣ зоҳир гардида, асосҳои он маҳз дар синни хурди

мактабӣ гузошта мешаванд. Таърифи муаллифии мафҳумҳои «фарҳанги экологии хонандаи синфи ибтидоӣ», «муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат» ва «шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ» пешниҳод гардид [5-М; 6-М; 10-М].

2. Таҳлили таърихӣ-педагогӣ нишон дод, ки ғояҳои ахлоқии муносибат ба табиат дар мероси фарҳангии халқи тоҷик – «Авесто», осори Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём, Саъдӣ ва Ҷомӣ – ва анъанаҳои педагогикаи халқӣ (ҳашар, ниҳолшинонӣ дар Наврӯз, эҳтироми об ва нон) ифодаи амиқ ёфтаанд ва барои мазмуни фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагони хурдсол сарчашмаи бевоситаи тарбиявӣ мебошанд. Андешаи педагогии ҷаҳонӣ ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ гузариши тарбияи экологиро аз интиқоли дониш ба ташаккули муносибат ва рафтор асоснок мекунанд [8-М; 9-М].

3. Ошкор гардид, ки синни хурди мактабӣ, ки ба он эҳсосоти тобнок, кунҷковӣ, бовар ба бузургсолон, майл ба пайравӣ ва ҳассосият нисбат ба баҳои дигарон хос аст, барои ташаккули МАҲТ давраи аз ҳама мусоид ба шумор меравад. Омилҳои асосии педагогӣ-психологии ин раванд намунаи шахсии калонсолон, ҳиссиёте, ки кӯдак бевосита дар муошират бо табиат пайдо мекунад, шаклҳои фаъоли кор, фазои хонавода ва маҳалла ва корҳои якҷояи ҳамсолон мебошанд, ки фақат ҳангоми дар якҷоягӣ амал карданашон натиҷаи дилхоҳ медиҳанд [4-М; 6-М].

4. Амсилаи шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ сохта шуд, ки аз панҷ ҷузъ – ҳадафнок, назариявӣ-методологӣ, мазмунӣ, ташкилӣ-фаъолиятӣ (ки шароитҳои педагогиро дар бар мегирад) ва арзёбӣ-натиҷавӣ – иборат аст; татбиқи он се марҳиларо – ташхисӣ-ангезавӣ, амалиётӣ-фаъолиятӣ ва рефлексивӣ-арзёбӣ – фаро мегирад. Мутобиқи сохтори сеҷузъии фарҳанги экологӣ меъёрҳои маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои (паст, миёна, баланд) ташаккули онҳо муайян карда шуданд [3-М; 5-М].

5. Маҷмуи панҷ шароити педагогӣ асоснок гардид: 1) ташкили муҳити экологии таълимию тарбиявӣ ва ҳамгироии он бо муҳити табиию иҷтимоии маҳал; 2) ҳамгироии мазмуни фанҳои синфҳои ибтидоӣ бо фаъолияти беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар асоси мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик; 3) ҷалби мунтазами хонандагон ба фаъолияти амалӣ, лоиҳавӣ ва

ҷамъиятии ҳифзи табиат; 4) рушди ангезаи дохилӣ ва мавқеи шахсии хонандагон тавассути вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ, муколама ва намунаи шахсии омӯзгор; 5) ҳамкории мақсадноки мактаб, оила ва ниҳодҳои фарҳангӣ-иҷтимоии маҳал [1-М; 2-М; 11-М].

6. Роҳҳои татбиқи шароитҳои педагогӣ дар фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии хонандагон – маҳфили экологии «Посбонони сабз», саёҳат ва саёҳатҳо, лоиҳаҳо, аксияҳо ва ҳашарҳо, ҷашнҳои экологӣ ва фарҳангӣ, баромадҳои иттилоотӣ, вохӯриҳо, мутолиаи берун аз барнома ва соатҳои тарбиявӣ бо вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ – муайян ва дар амал санҷида шуданд [1-М; 7-М].

7. Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ самаранокии маҷмуи шароитҳои педагогиро тасдиқ намуданд. Дар оғози озмоиш гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз рӯйи сатҳи донишҳои экологӣ баробар буданд ($\chi^2 = 0{,}35$; $p \approx 0{,}95$). Дар охири озмоиш дар гурӯҳи озмоишӣ сифати дониш аз 66,25% то 83,75% ва дараҷаи омӯзонидашавӣ аз 60,60% то 75,15% афзоиш ёфт, дар гурӯҳи назоратӣ бошад, тағйирот ночиз буданд; фарқияти гурӯҳҳо аз рӯйи меъёрҳои χ^2 ($\chi^2 = 8{,}61$; $p \approx 0{,}035$) ва U-и Манн–Уитни ($p \approx 0{,}005$) аҳамиятнок мебошад. Аз рӯйи ташхиси маҷмуӣ ҳиссаи хонандагони сатҳи баланди ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар гурӯҳи озмоишӣ 70,0% ва дар гурӯҳи назоратӣ 42,9%-ро ташкил дод ($n = 30$ ва $n = 35$; $U = 684{,}5$; $p \approx 0{,}019$) [2-М; 6-М].

8. Натиҷаҳои таҳқиқот фарзияи пешниҳодшударо тасдиқ намуда, нишон медиҳанд, ки ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҳолати татбиқи якҷояи маҷмуи шароитҳои педагогӣ дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва бо ҷалби оила ва ниҳодҳои маҳал самаранок мегардад. Самтҳои ояндаи таҳқиқот омӯзиши ангезаҳои экологии хонандагон бо ченкунии такрорӣ, пайдарпайии ташаккули МАҲТ дар гузариш аз зинаи ибтидоӣ ба зинаи асосии таҳсилот ва омодасозии омӯзгорони оянда ба ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологӣ мебошанд [1-М; 7-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва роҳбарони синф тавсия дода мешавад, ки маҷмуи панҷ шароити педагогии таҳияшударо дар фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ ба таври низомнок ва якҷоя татбиқ намоянд, зеро татбиқи ҷудогонаи онҳо самаранокии зарурӣ намедиҳад.

2. Ба маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсия мегардад, ки дар нақшаи кори тарбиявӣ маҳфилҳои экологӣ (аз ҷумла бо барномаи «Посбонони сабз», замимаи 2), гӯшаҳои табиат ва «пайраҳаи экологӣ»-и мактабиро пешбинӣ намуда, барои ҳашарҳо ва аксияҳои экологӣ бо иштироки волидон ва ҷамоатҳои маҳал шароит фароҳам оваранд.

3. Ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки барои арзёбии сатҳи ташаккули фарҳанги экологӣ ва МАҲТ на танҳо донишҳо, балки муносибат ва рафтори хонандагонро аз рӯйи се меъёр – маърифатӣ, арзишӣ-ангезавӣ ва фаъолиятӣ-рафторӣ – бо истифода аз маводи ташхисии таҳияшуда (замимаи 1) мунтазам муайян намоянд.

4. Ба муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ тавсия мегардад, ки масъалаҳои шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологии хонандагон ба мазмуни фанҳои «Педагогика», «Педагогикаи иҷтимоӣ» ва «Назария ва методикаи тарбия» ворид карда шаванд.

5. Ба муассисаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф тавсия дода мешавад, ки модулҳои махсус оид ба тарбияи экологӣ, истифодаи мероси фарҳангӣ-ахлоқии халқи тоҷик дар тарбияи экологӣ ва ташкили ҳамкории мактаб бо оила ва ниҳодҳои маҳал ҷорӣ карда шаванд.

6. Муаллифони китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии зинаи ибтидоӣ метавонанд ба китобҳои «Табиатшиносӣ» ва «Хониши адабӣ» бештар вазъиятҳои ахлоқӣ-экологӣ, супоришҳои амалӣ ва намунаҳои осори шоирону нависандагони классики тоҷикро оид ба табиат дохил кунанд.

7. Ба волидон ва ҷамоатҳои маҳал тавсия дода мешавад, ки дар ташкили ҳашарҳо, ниҳолшинонӣ ва чорабиниҳои экологии мактаб фаъолона иштирок намуда, дар оила намунаи рафтори масъулонаи экологӣ бошанд.

8. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун асоси методӣ барои таҳияи дастурҳо, тавсияномаҳо ва маводи таълимӣ дар самти ташаккули фарҳанги экологӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи педагогикаи иҷтимоӣ истифода шаванд.

9. Ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот тавсия дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳашарҳо, аксияҳои кабудизоркунӣ ва ҳифзи манбаъҳои обро бо иштироки

хонандагон ва волидон мунтазам ташкил намуда, барои фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоии экологии кӯдакон шароит фароҳам оваранд.

10. Ба муассисаҳои фарҳангӣ – китобхонаҳо, марказҳои эҷодиѐти кӯдакону наврасон ва осорхонаҳои кишваршиносӣ – пешниҳод мешавад, ки барои хонандагони хурдсол барномаҳои алоҳидаи экологӣ тартиб диҳанд ва онҳоро бо нақшаи корҳои тарбиявии мактабҳои ҳамсоя ҳамоҳанг созанд.

11. Ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки дар баробари ташхиси донишҳо, муносибат ва рафтори хонандагонро нисбат ба табиат низ мунтазам мушоҳида намуда, натиҷаҳои онро дар кор бо волидон ва ҳангоми банақшагирии фаъолияти тарбиявӣ истифода баранд.

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Ҳалимов К.А., Тураев З.Н.,Усмонова Д.С. Хусусиятҳои ҳамгироии фаъолиятҳои экологӣ-кишваршиносӣ ҳамчун омили ташаккули шуури экологии хонандагон. [Матн] / К.А.Ҳалимов, З.Н.Тураев, Д.С. Усмонова // Паѐми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ. 2024. №3 (36). – С.100-106. ISSN 2616-5260.

[2-М]. Ҳалимов К.А., Тураев З.Н., Усмонова Д.С. Роҳу восита ва шароити педагогии ташкили самараноки ташаккули шуури экологӣ тавассути ташкили чорабиниҳои экологӣ-минтақашиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миѐнаи умумии асосӣ [Матн] / К.А.Ҳалимов, З.Н.Тураев, Д.С. Усмонова // Паѐми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ. 2024. №2 (35). – С.154-161. ISSN 2616-5260.

[3-М]. Ҳалимов К.А., Мансуров Ҷ.С., Зоидова О.А. Рушди технологияҳои инноватсионӣ дар ташаккули фарҳанги экологии донишҷӯён. [Матн] / К.А.Ҳалимов, Ҷ.С.Мансуров, О.А.Зоидова // Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №11. – С.261-268. ISSN 2074-1847.

[4-М]. Ҳалимов К.А., Мансуров Ҷ.С., Усмонова Д.С. Таҳқиқи омилҳои педагогии зарурӣ барои таҳияи технологияҳои инноватсионӣ ҷиҳати ташаккули фарҳанги экологии хонандагон [Матн] / К.А.Ҳалимов, Ҷ.С.Мансуров, Д.С. Усмонова // Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №12. - С.197-205. ISSN 2074-1847.

[5-М]. Ҳалимов К.А., Мансуров Ҷ.С.,Тураев З.Н. Дархостҳои муосир ва дурнамои ҳамгироии сиѐсати экологӣ ва иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / К.А.Ҳалимов, Ҷ.С.Мансуров, З.Н. Тураев // Паѐми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2026. №4. – С.358-366. ISSN 2074-1847.

[6-М]. Ҳалимов К.А., Мансуров Ҷ.С., Аламов Т.Н. Нақш ва аҳамияти фаъолиятҳои беруназсинфӣ аз фанни биология дар низоми таҳсилоти мактабии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.А.Ҳалимов, Ҷ.С.Мансуров, Т.Н. Аламов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2026. №7. – С.289-298. ISSN 2074-1847.

[7-М]. Рустамзода К.А. Мафҳум ва хусусиятҳои тарбияи экологӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити таълимӣ [Матн] / К.А. Рустамзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2026. №3 (61). – С.100-109. ISSN 2617-5320.

[8-М]. Рустамзода К.А. Тарбияи экологӣ ва рушди рафтори мунтазам барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн] / К.А. Рустамзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2026. №3(55). – С.167 – 174. ISSN 2617-5320.

2. Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд:

[9-М]. Ҳалимов К.А. Ташаккули ахлоқи экологии насли наврас чун омили рафъи буҳрони экологӣ [Матн] / К.А.Ҳалимов // Маводи конференсияи байналмилалӣ «Рушди забони ишора ва таҳсилоти фарогир, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷаҳони муосир» Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе. 2024. – С.509-514.

[10-М]. Ҳалимов К.А. Талаботҳои умумии экологӣ, воситаҳои истифодабарии табиат ва режими ҳуқуқии ҳудудҳои ҳифзшаванда [Матн] / К.А.Ҳалимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи «Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолиятҳои навоварона» Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе. 2024. - С.90-91.

[11-М]. Ҳалимов К.А. Инсон ҳамчун сарчашмаи мушкилоти экологӣ ва ҳамчун роҳи ҳалли онҳо [Матн] / К.А.Ҳалимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Муносибати муосир дар ташкилии омӯзиши фанҳои табиатшиносию риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ» бахшида ба «Бисолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе. 2024. - С.262-264.

[12-М]. Ҳалимов К.А. Мафҳум ва моҳияти усулҳои интерактивии таълим ва асосҳои он [Матн] / К.А.Ҳалимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мушкилот дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқу риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» бахшида ба «Бисолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе. 2024. - С.176-178.

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ САДРИДДИНА АЙНИ

На правах рукописи

УДК: 37.033:373+574(575.3)
ББК: 74.200:74.2+28.081
Р – 48

РУСТАМЗОДА КОМИЛДЖОН АБДУШУКУР

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И НРАВСТВЕННОГО ОТНОШЕНИЯ К ОХРАНЕ ПРИРОДЫ У УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

АВТОРЕФЕРАТ
диссертации на соискание учѐной степени кандидата педагогических наук по специальности 5.3.9. Теория и методика организации социально-культурной деятельности (социальная педагогика)

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертация выполнена на кафедре общеуниверситетской педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: **Мансурова Джамила Сулаймоновна** – доктор педагогических наук, доцент, заведующая кафедрой общеуниверситетской педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

Официальные оппоненты: **Холназаров Санг** - доктор педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания естественных наук на факультете химии и биологии Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава

Собири Назира Солизада - кандидат педагогических наук, заведующая кафедрой теории и методики дошкольного образования в государственном образовательном учреждении «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова»

Ведущая организация: **Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде**

Защита диссертации состоится «25» декабря 2026 года, в 15:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-030 при Институте развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 227 62 46; 55 999 31 20).

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке и на сайте диссертатсионного совета Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (https://shurodis-prmatt.tj)

Автореферат разослан «24» ноября 2026 г.

Ученый секретарь
диссертационного совета, к.п.н., доцент **Котибова Ш.П.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Сегодня проблема воспитания экологической культуры младших школьников и формирования у них нравственного отношения к охране природной среды приобрела неотложный характер. Экологические, социальные и духовные кризисы показывают, что прогресс общества зависит не только от развития экономики и технологий, но тесно связан с уровнем культуры, нравственности и просвещѐнности человека. Мировой опыт подтверждает, что попытки решить экологические проблемы исключительно экономическими и техническими средствами не дают желаемого результата и требуют изменения мировоззрения и нравственного отношения человека к природе.

В этих условиях возрастает роль образования как основного средства формирования мировоззрения и культуры граждан. Отечественный исследователь Р.М. Кузиева напоминает, что «глобальный экологический кризис не может быть остановлен никакими мерами – ни экономическими, ни культурными, ни военными, – кроме повышения экологической и природоохранной просвещѐнности и культуры населения. И начинать эту работу необходимо с раннего детства, ещѐ до прихода ребѐнка в школу» [71, с. 35]. По мнению Ш.И. Джумаевой, беспечное поведение людей по отношению к природной среде «свидетельствует о низком уровне экологической культуры и экологической грамотности населения. Такое отношение к природе может привести к серьѐзным негативным последствиям для человечества и всего живого на Земле» [46, с. 5]. Исследователь считает, что кризисы окружающей среды в масштабах планеты и в самом Таджикистане «порождают острую необходимость создания и развития современного экологического мышления и экологической грамотности посредством непрерывного экологического образования во всех сферах деятельности человека – от малого до большого» [46, с. 22].

Значимость темы подтверждают и основные направления государственной политики страны. В законах Республики Таджикистан «Об образовании» [1], «Об экологическом образовании населения» [2] и «Об охране окружающей среды» [3], а также в Национальной концепции воспитания [6] и Национальной стратегии развития образования до 2030 года [7] формирование экологического мировоззрения и повышение экологической просвещѐнности определены как стратегическая задача устойчивого развития страны. Законодатель относит к задачам этого направления «обеспечение правовых, социально-экономических, организационных, психологических и иных гарантий для формирования и

развития экологического обучения, воспитания и культуры населения» [2, ст. 3]. Аналогичным образом объявление периода 2020–2040 годов «Двадцатилетием изучения и развития естественнонаучных, точных и математических дисциплин в сфере науки и образования» [8] способствует укреплению позиций естественнонаучных и экологических знаний в системе образования.

Нерешѐнные проблемы. Младший школьный возраст является сензитивным периодом формирования нравственных и экологических ценностей личности, однако воспитательный потенциал социально-культурной деятельности детей, охватывающей внеурочную и внешкольную работу, кружки, прогулки и экскурсии, акции и совместные мероприятия с родителями и местными организациями, до сих пор используется в школах весьма ограниченно. На это обращает внимание и З.Н. Тураев, отмечая, что «в учебной практике возможности внеклассных и внешкольных форм используются не в полной мере. Это приводит к тому, что связь между теоретическими знаниями и практическим опытом остаѐтся слабой, а воспитательное воздействие обучения снижается» [124, с. 5]. Анализ сложившейся ситуации в общеобразовательных учреждениях г. Душанбе, Шахринавского и Восейского районов выявил следующие противоречия:

– между возрастающими требованиями общества к формированию экологической культуры и нравственного отношения к охране природы с младшего школьного возраста и недостаточным уровнем научно-методического обеспечения этого процесса на ступени начального образования;

– между широкими воспитательными возможностями социально-культурной деятельности, природной и социальной среды местности и культурного наследия таджикского народа и их разрозненным, бессистемным использованием в школьной практике;

– между необходимостью целенаправленного взаимодействия школы, семьи и социально-культурных институтов в экологическом воспитании и отсутствием научно обоснованного комплекса педагогических условий, обеспечивающего такое взаимодействие.

Необходимость развития теории и совершенствования существующей методологии. В теории социально-культурной деятельности и социальной педагогике понятия «экологическая культура учащегося начальных классов» и «нравственное отношение к охране природы» конкретно не разработаны, а методология их оценки, соответствующая возможностям детей 7–10 лет, требует совершенствования.

Теоретические пробелы, дискуссии и существующая научная интеграция. Единой позиции относительно структуры экологической культуры не существует: исследователи выделяют от трѐх до семи еѐ компонентов. Продолжается дискуссия между антропоцентрическим и экоцентрическим подходами к экологическому воспитанию, а место нравственного отношения в структуре экологической культуры определено недостаточно. Интеграция знаний педагогики, возрастной психологии, экологии и теории социально-культурной деятельности по данной проблеме ещѐ не сложилась в единую концепцию.

Необходимость нового исследования и пути решения проблемы. Необходимость преодоления указанных противоречий определила **проблему исследования**: какие педагогические условия обеспечивают эффективное формирование экологической культуры и нравственного отношения к охране природы у учащихся начальных классов в процессе их социально-культурной деятельности? Решение проблемы мы видим в обосновании и опытной проверке комплекса педагогических условий, реализуемых в рамках единой модели и согласованных с трѐхкомпонентной структурой экологической культуры. Таким образом, данная работа занимает место в ряду исследований социальной педагогики как исследование, рассматривающее экологическое воспитание на основе социально-культурной деятельности младших школьников.

Степень научной разработанности темы. Для определения уровня изученности проблемы были проанализированы фундаментальные научные труды, современные исследования, защищѐнные диссертации и научные статьи.

Фундаментальные научные труды. Учение В.И. Вернадского о биосфере и ноосфере [36], идея «экологического императива» Н.Н. Моисеева [91], концепции устойчивого развития Н.Ф. Реймерса [108] и А.Д. Урсула [127] составляют философскую основу понимания природы как ценности и ответственности человека перед ней; таджикские философы обосновали тенденции интеграции наук как условие целостного понимания мира [22]. В трудах И.Д. Зверева [54], И.Т. Суравегиной [116], А.Н. Захлебного [52], С.Н. Глазачева [40], Б.Т. Лихачева [81], Л.П. Печко [101], В.А. Игнатовой [62] и И.Н. Пономаревой [104] разработаны цель, содержание, принципы и структура экологической культуры. С.Д. Дерябо и В.А. Ясвин выделили субъективное отношение личности к природе в качестве особого объекта исследования и предложили методы его диагностики [45; 141]. Основы социально-культурной деятельности и социальной педагогики обоснованы в работах А.В. Мудрика [92], Т.Г. Киселевой и Ю.Д. Красильникова [68], А.Д.

Жаркова [50], теория деятельности и личности – в трудах А.Н. Леонтьева, А.Г. Асмолова и А.В. Петровского [79; 23; 100], идеи личностно ориентированного и ценностного воспитания – в работах Е.В. Бондаревской, Ш.А. Амонашвили и Д.С. Лихачѐва [33; 19; 83], проблемы интеграции содержания образования – в работах М.Н. Берулавы и В.А. Игнатовой [27; 58]. История педагогической мысли таджикского народа отражена в трудах Х. Афзалова и Б. Рахимова [24]. Эти работы составляют теоретическую основу проблемы, однако непосредственно не касаются педагогических механизмов формирования нравственного отношения к природе в детском возрасте.

Современные исследования. В работах Л.В. Симоновой [114], Л.М. Хафизовой [134], Т.В. Кучер [74], О.С. Богдановой [30] и А.И. Холомкиной [137] рассмотрены экологическое воспитание учащихся начальных классов и формы внеклассной работы. Из отечественных исследователей И.А. Абдусаломов изучал нравственное отношение учащихся к окружающей среде [14], М. Дарвозиев – основы экологической науки [43], Б. Маджидова – пути повышения педагогической культуры родителей [87], А. Нуров – методику воспитательной работы в начальных классах [95].

